

# РИОЯИ ҚОНУН КАФИЛИ БАЛАНДШАВИИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ

**Дар масири таърих асоси пешрафти ҷомеаҳои мутамаддин риояи қонуну қоидаҳои адолатпеша ва инсонпарвар будааст. Рушди бонизоми ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеаро бе мавҷудияти тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили давлат тасаввур намудан ғайри имкон аст. Барои расидан ба ин ҳадафи олӣ эҷоду таҳия ва қабули санадҳои ҳуқуқии сарнавиштсозу адолатпарварро ба роҳ монда дар заминаи он бо роҳҳои гуногуну мақсаднок маърифати ҳуқуқии ҷомеаро бояд боло бурд.**

Натиҷаи таҳлили маъхазҳои таърихӣ нишон медиҳанд, ки омили аслии рушди сохтори сиёсию ҷамъиятии империяҳои бузургтарини дунёи қадим аз қабили Юнон, Бобул, Рим, Ҳахоманишиҳо, Кушониён, Сосониён ва ғайра эҷоди хирадмандонаи меъёрҳои ҳуқуқӣ дар қонунномаҳо ва амали намудани ислоҳотҳои ҳуқуқии мақсаднок мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз ба даст овардани истиқлолият зарурати таҳия ва амали сохтани як ислоҳоти сиёсию ҳуқуқӣ пеш омад. Ин зарурияттро хушбахтона давлат ва ҳукумати навини Тоҷикистон таҳти роҳбарии мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз аз ибтидои ташкили ҳукумати конститутсионӣ дар соли 1992 дарк намуда пайи амали намудани он шуданд. Давоми солҳои соҳибистиқлолӣ раванди ислоҳоти ҳуқуқӣ тамоми паҳлӯҳои зиндагии ҷомеаро фаро гирифт ва роҳҳову самтҳои инкишофро муаян намуд. Нуқтаи асоситарини тадбиқи ин ислоҳот қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 мебошад, ки таҷассумгари бақои давлату ҷамъият мебошад.

Алҳол дар ҷумҳурӣ соҳаеро муаян намудан мушкил аст, ки оид ба вазъи ҳуқуқии он санади меъёрии ҳуқуқӣ қабул нашуда бошад. Вуҷуд доштани базаи мустаҳками қонунгузорӣ рушди пайвастаи соҳаҳои гуногуни хоҷагии мамлакатро таъмин карда, яке аз омилҳои асосии инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ мегардад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкили давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандиро ҳадафи имрӯза ва ояндаи инкишофи худ қарор додааст. Аз ин рӯ дар раванди ташаккули чунин давлат ва ҷомеа ҳуқуқ нақши бузургу ҳалкунанда дорад. Дар чунин давлат ҳамагуна муносибатҳо бояд дар асоси ҳуқуқ ва қонун танзим карда шаванд. Дар ҷомеаи мутамаддини муосир қонун ҳамчун воситаи танзимкунандаи ҳамаи паҳлӯҳои ҳаёти ҷомеа нақш ва мавқеи бебаҳс дорад, зеро пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст.

Ҳарчанд қабули қонунҳо, сифату табиати иҷтимоӣ ва механизми амали онҳо масъалаи марказӣ ё худ бунёдии рушди давлат бошад ҳам, дар баробари ин татбиқи бечунучарои қонунҳо дар ҷомеа аҳамияти калон дорад. Ин масъала ба сатҳи тафаккури ҳар фарди ҷомеа зич алоқаманд аст. Беҳуда нест, ки таъмину волоияти қонун ва ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа баробари дигар унсурҳои давлати демокративу ҳуқуқбунёд, аз қабили таҷзияи ҳокимият, таъмини ҳамаҷонибаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, масъулияти дуҷонибаи давлат ва шахсият аз рӯи аҳамият дар як сатҳ ниҳода шудаанд. Аз ин ҷост, ки сарвари давлат ошкоро

мегӯянд: «Мамлакате, ки дар он қонунро риоя ва эҳтиром намекунанд, рӯ ба таназзул меорад». Яъне, ҳар қадар дар ҷомеа тартиботи ҳуқуқӣ дуруст риоя шавад, ҳамон андоза ба пешрафт муяссар мегардад. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар амал татбиқ мегардад. Ба қавли файласуфи Рими қадим Ситсерон (106-64 пм): «Агар хоҳи озод бошӣ пас ғуломи қонун бош». Ё худ дар ин маврид зарбулмасали халқҳои англис вуҷуд дорад, ки чунин мегӯянд: «барои он, ки пеши қозӣ нарави пушти сари қонун роҳ бирав». Файласуфи Юнони қадим Арасту (384-322 пм) ба маврид мегӯяд, ки «инсоне, ки бо иҷтимоъ такомул пайдо карда бошад, аз ҳама ҷонварон беҳтар аст ва агар бидуни қонун ва адолат зиндагӣ кунад хатарноктарин ҷонвар аст». Аз ин лиҳоз донистани ҳуқуқ вазифаи танҳо мутахассисону коршиносони соҳа набуда, он вазифаи ҳамаи шаҳрвандон аст. Донистани ҳуқуқ қарзи шаҳрвандии ҳар як шаҳрванде мебошад, ки дар ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати ҳуқуқбунёд зиндагӣ мекунад. Он нишонаи маданият ва нерӯи ақлонию илмии шахсро нишон медиҳад. Шаҳрвандон дар чунин давлату ҷомеа бояд қонун ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқиро донанд ва риоя намоянд. Чунки дарки моҳияти санадҳои ҳуқуқӣ мавқеи шахсро дар ҷамъият баланд мебардорад, зеро ки ба мафҳумҳои ҳаққу ботил амиқ сарфаҳм меравад ва аз роҳҳои чапу нодуруст худро боз медорад. Аз ин дидгоҳ ҳар як нафари узви ҷомеа агар бихоҳад, ки дар зиндагӣ боэътибор бошад, бояд ки дар баробари санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ арҷгузорӣ намояд. Инсон шаъну шарафи хешро танҳо ба василаи қонунҳои мавҷуда ва дигар санадҳои меъёрӣ метавонад ҳифз намояд. Риоя, дарк ва эҳтироми қонунҳо дар моддаи 42-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври зайл омадааст: « Дар Тоҷикистон ҳар шахс вазифадор аст, ки Конститутсия ва қонунҳоро риоя кунад, ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигаронро эҳтиромнамояд. Надонистани қонун ҷавобгариро истисно намекунад».

Ин меъёри конститутсионӣ моро боз ҳам водор месозад, ки дар самти риояи қонунҳои ҷории ҷумҳурӣ пешоҳанг бошем. Бояд гуфт, ки бе ташаккули маърифати ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ риояи талаботи қонун ва дарки моҳияти ҳуқуқу уҳдадориҳо аз ҷониби шаҳрвандон ғайри имкон мебошад.

Масъалаи маърифати ҳуқуқӣ танҳо аз моҳияти ҳуқуқӣ иборат нест ё худ фақат мазмуни ҳуқуқӣ надорад, балки бо маҷмӯи арзишҳои маънавӣ, аз қабили расму анъанаҳои миллию ахлоқӣ оид ба некию накӯкорӣ, шафқату дилсӯзӣ, ростӣ, ҳақиқат, покӣ, адолат ва дигар арзишҳои дар таърихи мавҷудияти миллат исботшуда робитаи ногусастанӣ дорад. Хулосаи муҳим ин аст, ки барои ташаккули маърифати ҳуқуқӣ, бартарафсозии нигилизми (инкори маслаку мафкура, шаккокӣ) ҳуқуқӣ, беэътиноӣ ба қонуну тартибот тарғиби дониши ҳуқуқӣ аҳамияти аввалин дараҷа пайдо мекунад.

Дар фарҷом бояд хотирнишон намуд, ки бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳое, ки аз Пайёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ»бармеояд, фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи «соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намудани соли 2024» аз 30 декабри соли 2023, № 668, ба имзо расид.

Ризозода Шодибек,

омӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва идораи давлатӣ